ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*Тоҷикистон • Қирғизистон • Қазоқистон*

# МАРОСИМИ ХАТМИ 2023

## 16 ИЮНИ СОЛИ 2023



# Барномаи маросими хатм

**9:30 – 11:30**

**Ворид гардидани роҳпаймоии хатмкунандагон ва омӯзгорон**

**Суруди миллӣ**

Сухани ифтитоҳӣ
**Доктор Шамш Кассим-Лакха**
Раиси Шӯрои Парасторон

Суханронии
**Малика Заҳро Оғохон**
Парастори Донишгоҳи Осиёи Марказӣ

Суханронии асосӣ
**Анита Зейди**
Президенти бунёди Билл ва Мелинда Гейтс

**Суханронии меҳмони олиқадр, Норин**

**Суханронии меҳмони олиқадр, Хоруғ**

**Суханронии хатмкунандаи беҳтарин**

**Тақдими дипломҳо**

**Изҳори миннатдорӣ**

**Анҷоми роҳпаймоии хатмкунандагон**

**Хӯроки нисфирӯзӣ**

# Паёми табрикотии Раис



Ман, аз номи Шӯрои Парасторон ва ҷомеаи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, хатмкунандагони соли 2023-ро ба муносибати саввумин маросими фархундаи хатми таҳсил табрик мегӯям. Имрӯз мо ифтихор дорем, ки ин хатмкунандагони барҷастаро, ки аз 76 фарди мумтоз аз Афғонистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон ва Тоҷикистон иборатанд, қадрдонӣ менамоем.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, ба унвони як донишгоҳи ғайритиҷоратии дунявӣ, дар расолати худ ҷиҳати мубаддал шудан ба як маркази таълимӣ ва тадқиқотии барҷастаи минтақа ва омодасозии наслҳои нави ояндабин н, нававар ва пешоҳанг дар Осиёи Марказӣ собитқадам аст. Донишгоҳ бо азми қавӣ фаъолият мекунад, то ки худро дар Осиёи Марказӣ ҳамчун муҳаррик таҳаввулоти дигаргунсозанда собит намояд. Ин ба шарофати ҳимоят ва ҷонибдории мунтазами Канслери Донишгоҳ, Волоҳазрат Оғохон, ҳукуматҳои Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Ташкилоти Оғохон оид ба рушд (AKDN) ва ҳамчунин шарикони маъруфи байналмилалии мо имконпазир гардидааст. Онҳо дар якҷоягӣ баҳри рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа, махсусан ҷомеаҳои кӯҳистонро мусоидат мекунанд..

**Волидайни арҷманд,**
Имрӯз, мо на танҳо аз дастовардҳои соли 2023, балки ҳамчунин аз нақши муҳими шумо дар ин раванди омӯзишӣ хушҳолӣ мекунем. Ин афроди бокифоят на танҳо аз назари таҳсил пешрафт кардаанд, балки дар тӯли панҷ соли гузашта аҳамияти пазириши гуногунӣ ва тақвияти эҳсоси тааллуқ доштан ба ҷомеаро дарк намудаанд. Онҳо медонанд, ки омӯзиш раванди давомдорест, ки дар тӯли зиндагиашон идома хоҳад ёфт ва дар касбҳои интихобнамуда ва фаъолиятҳои кориашон манфиатбахш хоҳад буд.

**Хатмкунандагони азиз,**
Дар ҳоле ки мо имрӯз муваффақияти шуморо ҷашн мегирем, муштоқона мунтазири дидани пешрафтҳои шумо дар ростои тавоноиҳо ва имконоти бе ҳадду марзе ҳастем, ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ҳар яки шуморо барои он омода намудааст. Мо умедворем, ки шумо дар муддати дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ буданатон баҳри матраҳ намудани саволҳои ба андеша водоркунанда далерию нуктасанҷӣ ва дар ҳалли онҳо

қатъият ва салоҳиятро касб намудед. д Собитқадам дар орзуҳоятон ва фурӯтан аз ба муваффақиятон бошед. Ба мушкилот тобовар бошед ва ба арзишҳои бунёдии худ вафодор бошед.. Муҳимтар аз ҳама, робитаи қавии худро бо Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, ки ҳамеша мисли як модари меҳрубон аз шумо истиқбол хоҳад кард, ҳифз намоед.

*Доктор Шамш Кассим-Лакҳа*
*Раиси Шӯрои Парасторон*

# Донишгоҳи Осиёи Марказӣ

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ (ДОМ) соли 2000-ум ҳамчун як донишгоҳи хусусӣ, ғайритиҷоратӣ ва дунявӣ, дар асоси Шартномаи байналмилалӣ, ки аз ҷониби Президентҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон ва Волоҳазрат Оғохон имзо шудааст, таъсис ёфтааст; аз тарафи парлумонҳои се кишвар ба тасвиб расид ва дар Созмони Милали Муттахид ба кайд гирифта шуд. Президентҳо Ҳомиёни Донишгоҳ ва Волоҳазрат Канслери он мебошад. ДОМ дар доираи ҳамкориҳо ва ӯҳдадориҳои Шабакаи Оғохон оид ба рушд фаъолият мекунад.

ДОМ ба рушди ҷомеаҳои кӯҳистон тамаркуз мекунад ва барномаҳои бакалавриати он дар кампусҳои дар сатҳи ҷаҳонӣ сохташуда мутаносибан дар Норини Қирғизистон ва Хоруғи Тоҷикистон дар наздикии кӯҳҳои Тиёншон ва Помир ҷойгир шудаанд. Кампуси дар Текелии Қазоқистон дар марҳилаи тарҳрезӣ қарор дорад.

ДОМ дар маркази табдили зеҳнӣ ва иқтисодӣ дар минтақа қарор дорад ва тавассути се мактаби ибтидоии худ доираи васеи имкониятҳоро пешниҳод мекунад: Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқ (МИГТД), Мактаби олии рушд (МР) ва Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор (ММКД).

МИГТД барномаи панҷсолаи бакалавриатро пешниҳод мекунад, ки дониш ва малакаҳои донишҷӯёнро барои ҳамгироӣ кардани равишҳои гуногун барои ҳалли мушкилот ва эҷоди навоварӣ дар фаъолитҳои касбӣ ва ҷамъиятӣ имконпазир месозад. Барномаи таълимӣ таҳсилоти гуманитарӣ ва илмро дар бар мегирад, ки дар он донишҷӯён ихтисосҳои ҳамгироиро, ки якчанд фанҳоро муттаҳид мекунанд, меомӯзанд.

МР аз Донишкадаи сиёсати давлатӣ ва идоракунии ДОМ, Донишкадаи таҳқиқоти манотиқи кӯҳистон, Бахши мероси фарҳангӣ ва илмҳои гуманитарӣ, Ташаббуси ҷомеаи шаҳрвандӣ ва барномаи "Инсоншиносӣ"-и Оғохон иборат аст. Мактабҳо бисёрҷанба, байнисоҳавӣ буда, пеш аз ҳама барои тавлиди таҳқиқот ва донише тарҳрезӣ шудаанд, ки барои ҷомеаҳои кӯҳистон татбиқи амалӣ доранд.

ММКД соли 2006 таъсис ёфта, таҳсилоти давомдор ва миёнаро пешкаш мекунад, ки ба ҷавонон ва калонсолон имкониятҳои аз худ намудани маҳоратҳои касбӣ ва эҷоди манбаи даромад, фароҳам меорад. Барномаҳои шаҳодатномавӣ дар 16 маркази омӯзишӣ дар саросари Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Афғонистон пешниҳод карда мешаванд.

www.ucentralasia.org

## Мактаби бакалавриати илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқ

### Бакалавр дар соҳаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ

Ануша Ашурова
Анушер Хуморикoв
Анушервон Назаралиев
Бежан Баҳромов
Гулабру Абдураҳмонова
Исмоил Дустамбаев
Хизрдод Назаров
Хонум Вафодорова
Маҳтоб Мирзоҷонова
Малика Шогунбекова
Меҳер Ангиз
Наима Мамадрасулова
Нисар Али
Рашодхуҷа Рустамов
Сабрина Гулмамадова
Толибшо Муборакшоев
Ваҷаҳат Али Хон
Зайнаб Муборакшоева

### Бакалавр дар соҳаи илм дар бораи замин ва муҳити зист

Аҳмад Гулбеков
Аниса Зарҷумиева
Фария Байг
Хушруз Саидиброимов
Мавлуда Чиниева
Ниташа
Рабия Фақир
Расина Шамирова
Рудоба Имроншоева
Сабрина Музафарӣ
Шоайб Атайе
Суҳайло Ғарибова
Тазарф Шамирова
Убайд Сайедӣ
Зайнура Кайковусова

## Бакалавр дар соҳаи иртиботот ва ВАО

Айбек Ниязалиев
Аида Онгайбаева
Аида Йессимова
Алексей Ли
Алишо Қонунов
Анис Чоршанбиев
Ассилбек Ассилханов
Бибисоро Куканбекова
Дарика Ургазиева
Елина Нам
Гулборбону Мирзоева
Лола Бодуренова
Милена Мелникова
Наримон Нурмамадов
Нурия Мулло-Абдолова
Саврибегим Назаршоева
Шаҳноза Қурбонмамадова
Залкар Боронбаев

## Бакалавр дар соҳаи илмҳои компютерӣ

Аббосҷон Мадиев
Аиза Ҷенишбекова
Александра Югай
Арфан Шоҳ
Аристан Алтинбаев
Башир Алам
Бегаим Бексултонова
Диана Тенирбергенова
Диловар Машрабов
Эмир Абасканов
Эрлан Базаров
Ҳамроз Гавҳаров
Ҳамза Ноёбшоев
Каникей Майрамбекова
Хушнуд Боқиев
Меербек Акимҷонов
Мирзонабот Мирзонаботов
Наита Абдураҳмонова
Нина Петрушкова
Ромиз Абдуллоев
Рисгул Нурбекова
Шаҳноза Додихудоева
Шоҳаншо Сабзалиев
Шанбе Қадамшоев

# Тарроҳии либоси маросими хатми таҳсили Донишгоҳи Осиёи Марказӣ

## Муқаддимаи мухтасар

Соли 2020, бо ҳадафи омодагии қаблӣ ба нахустин маросими хатми таҳсили Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқи  Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар соли 2021, барои мудирият ва назорати тарроҳӣ ва тавлиди либосҳо ва кулоҳҳои маросими хатми таҳсил барои донишҷӯён, устодон ва дигар ширкаткунандагони маросим кумитаи махсус таъсис дода шуд. Кумита аъзои ҳайати илмӣ ва кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказиро аз се кишвари муассис шомил намуд, то назарҳо ва дидгоҳҳои худро дар миён гузоранд. Раёсати Кумита ба ӯҳдаи Раиси Шӯрои Парасторони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ Доктор Шамш Кассим-Лакҳа вогузор шуд.

Бар асоси дастуруламалҳои асосии зер як озмуни байналмилалии тарроҳӣ баргузор шуд:

- Ворид кардани унсурҳои фарҳангӣ ва суннатӣ аз ҳунарҳои ороишии кишварҳои муассис: Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Имомати Исмоилӣ ҳамчун муассисони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ
- Тарроҳӣ бояд таркибе аз суннатҳои ороишии Осиёи Марказиро мунъакис кунад, аммо ба таври возеҳ бо кишвар ё фарҳанги хосе қобили шиносоӣ набошад.
- Либос ва кулоҳи марғуладор бояд аз назари ҷинсият бетараф буда, ҷанбаи мазҳабӣ надошта бошад.
- Рангҳои либоси маросими хатми таҳсил бояд бо рангҳои нишони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ҳамоҳанг бошанд: кабуди рушан, кабуди тира ва сафед.

Барои анҷоми ин кор як озмуни озод эълон шуд ва беш аз 50 тарроҳ пешниҳодоти худро ироа карданд. Дар натиҷа, се ғолиб интихоб шуданд ва идеяҳои тарроҳии онҳо дар нусхаи ниҳоии либоси маросими хатми таҳсили Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ворид гардиданд.



Либоси маросими хатми донишҷӯён, ки ифодакунандаи тарҳи асосист, дар зер нишон дода шудааст:

Дар либосҳои марбут ба минтақаи Осиёи Марказӣ нақшҳои ороишии мухталиф ба кор бурда шудаанд. Тарҳи аслӣ ё нақши марказӣ як занҷираи ороишӣ аст, ки дар саросари минтақа роиҷ аст ва дар ҳоле ки бо номҳои зиёде шинохта мешавад, ба маънои рамзи дӯстӣ, иттиҳод ва вафодорӣ аст.



Бо таваҷҷуҳ ба ин ки либоси маросими хатми таҳсил набояд бо ҳеҷ кишвар ё фарҳанге мушаххас шавад, ин тарҳи аслӣ ё нақши марказӣ аз ҷониби тарроҳ бозсозӣ ва сабксозӣ шудааст. Тавре ки дар боло нишон дода шудааст, он дар ҳоле ки иртиботи худро бо манбаъҳои



асосии илҳом ҳифз мекунад, ба шакле падидор мешавад, ки мутафовит, беназир ва хоси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ аст. Ба ин тартиб, он аз миллатҳо ва марзҳо фаротар меравад. Барои итминон ҳосил кардан дар мавриди ин ки тарроҳӣ қобили қабул аст ва дорои шакл ва вижагиҳои хоси Осиёи Марказӣ аст, бо коршиносони фарҳангӣ аз ҳар се кишвари муассис машварат карда шуд.

Дигар нақшҳои истифодашуда дар либоси маросими хатми таҳсил иборатанд аз:



Дар самти чап нақши алов ё оташ аст, ки ба манзури тасвир кардани гармӣ, самимият ва меҳмоннавозӣ истифода шудааст. Яке аз нақшҳои маҳбуби дигари бозсозишуда ва сабксозишуда, ки дар тарафи чап нишон дода шудааст, дар рӯи остинҳо ва пушти либосҳо мавриди истифода қарор гирифтааст.





Акси самти чап кулоҳи маросими хатми таҳсили Донишгоҳи Осиёи Марказиро нишон медиҳад, ки тарҳи асосии ороиши либоси маросим ва бархе аз тарҳҳои дигари маҳбубу машҳури Осиёи Марказиро шомил мешавад.

Либоси маросими хатми устодон аз назари тарроҳӣ мисли либоси хатмкунандагон аст, аммо бо тиллодӯзӣ ва хатҳои риштаӣ фарқ мекунад, ки теъдоди онҳо вобаста ба рутба афзоиш меёбад. Акси боло либоси профессорро бо се хати тиллодӯзишуда нишон медиҳад.



Либоси Аъзои Шӯрои Парасторони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ нақшҳои аз назари тарроҳӣ печидатар дорад:



Раисҷумҳурҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон ба унвони ҳомиёни Донишгоҳи Осиёи Марказӣ либосҳои кабуди торик ва дорои гулдӯзии тиллоиро мепӯшанд. Меҳмони асосии даъватшуда низ ҳамин гуна либосро ба бар мекунад.



Либоси маросими хатми таҳсили Канслери Донишгоҳи Осиёи Марказӣ аз назари тарроҳӣ бо либоси Ҳомиён ҳамсон аст, аммо ранги заминаи он сафед мебошад:

